Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-002-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17

ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар ҶумҳурииТоҷикистон» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илми ҳуқуқ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 –Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

Мавзӯи интихоб кардаи муҳаққиқ ба яке аз проблемаҳои мубрами илми ҳуқуқи гражданӣ ва соҳибкорӣ бахшида шудааст. Қобили зикраст, ки ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, ивазгардидани низоми иқтисодии мамлакатро замина гузошт ва соҳибкорӣ чун навъи фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд омада, тадриҷан рушд намуд. Пӯшида нест, ки дар низоми ҳуқуқии қаблан амалкунанда фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби субъектони хусусӣ ба пуррагӣ манъ гардида, давлат ҳамчун субъекти хоҷагидори асосӣ эътироф мегашт ва тавассути таъсиси корхонаҳои давлатӣ эҳтиёҷотҳои худ ва аҳолиро таъмин менамуд.

Тибқи қонунгузории амалкунанда, аз ҷумла тибқи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳамаи субъектони ҳуқуқи хусусӣ кафолат дода мешавад. Мақсад аз бозгӯии ҳолати амалкунандаи қонунгузорӣ нисбат ба масъалаи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ ва назар кардан ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои мазкур дар замони Шӯравӣ аз он иборат аст, ки воқеан мавзӯи интихобкардаи диссертант мубрам ва ба талаботи замон ҷавобгӯ мебошад.

Ҳарчанд дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд ҳалли худро ёфта бошад ҳам, аммо рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, мураккаб ва тезутунд гардидани

муносибатҳои молумулкӣ тақозои онро мекунад, ки қонунгузорӣ низ дар самти мазкур тақвият дода шавад. Дилхоҳ пешравӣ ва рушд дар тамоми самтҳои фаъолияти давлатӣ бидуни заминаи муайяни илмӣ ҷойдошта наметавонад ва барои ба ҳадаф расидан пояҳои илмии самти мазкурро бояд устувор кард. Аз ин рӯ, муаллиф дар қисмати асосноккунии мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионии худ дуруст қайд мекунад, ки ҳарчанд, ки ҳолати ҳуқуқии аксарияти субъектҳои соҳибкории хурд дар қонунгузорӣ муқаррар шуда бошад ҳам, вале амалияи имрӯзаи ҳуқуқ зарурати баланд бардоштани самаранокии танзими ҳуқуқии соҳибкории хурдро бо сабаби ноустуворӣ ва номукаммалии қонунгузорӣ тақозо менамояд. Аз ҷумла, таъмини мувозинати манфиатҳои хусусӣ ва оммавӣ дар доираи чунин танзимнамоӣ, ҳалли проблемаҳои танзими хусусӣ-ҳуқуқӣ ва оммавӣ-ҳуқуқии ҳавасмандгардонӣ ва маҳдудиятҳо ҷиҳати рушди соҳибкории хурд, механизми ҳуқуқии ҷалби воситаҳои қарзӣ ва ғайраро талаб менамояд.

Яке аз паҳлуҳои мусбати кори илмии мазкур дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф на танҳо ба масъалаи танзими хусусӣ-ҳуқуқӣ, инчунин ба масъалаи танзими оммавӣ-ҳуқуқии соҳибкории хурд диққати махсус зоҳир намуда, нақши калидӣ доштани давлатро дар рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти мазкур ошкор кардааст. Воқеан, нақши давлат дар рушди муносибатҳои мазкур назаррас мебошад, чунки аз дастгирии давлатӣ, муҳайё кардани шароити мусоиди ташкилию ҳуқуқӣ, дар ҳолатҳои зарурӣ додани имтиёзҳо ба субъектони фаъолияти соҳибкорӣ, бартараф кардани монеаҳо дар самти рақобати носолим, муҳайё кардани шароити соддаи бақайдгирии субъекти фаъолияти соҳибкорӣ, тартиби дурусти андозбандӣ ва ғайра, рушди фаъолияти соҳибкорӣ вобастагии ногусастанӣ дорад.

Паҳлуи дигари мусбати кори илмии мазкур дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф то андозае кӯшиш намудааст, ки қонунгузории баъзе аз мамлакатҳои хориҷиро дар самти мазкур мавриди таҳқиқ қарор дода, хусусиятҳои онро барои хонандагон ошкор намояд. Мавриди таҳқиқ

қарор додани қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ, омӯзиши назария ва амалияи татбиқи онҳо дар мамлакатҳои хориҷӣ барои такмил додани қонунгузории ватанӣ дар самти танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд шароити мусоид ба вуҷуд меорад.

Ҷиҳатҳои дигари мусбати таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф дар навгониҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда дарҷи худро ёфтаанд, ки онҳо метавонанд барои боз ҳам самарабахш ва ба таври дахлдор танзим намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти мазкур саҳми худро гузоранд.

Дилхоҳ таҳқиқоти диссертатсионӣ бо сабку услуби хоси муаллифи он фарққунанда мебошад, аз ин лиҳоз шояд на ҳама фикру ақида ва пешниҳодҳои муаллиф барои хонандагон ошкор бошанд. Ҳамзамон, баъзе нуктаҳои алоҳидаи таҳқиқот ба таври мушаххас изҳори назар намудани муаллифро тақозо менамояд.

Якум, ба мақсад мувофиқ мебуд, агар дар ҳимояи ошкоро муаллиф ақидаи худро нисбат ба пешниҳоди чорум дар қисмати мукаммал кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи соҳибкории хурд иброз менамуд.

Дуюм, муаллиф дар навгониҳои таҳқиқоти диссертатсия махсусан дар нуктаи илмии 2-юм (саҳ. 8), оид ба муайян кардани субъектҳои соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи байналмилалӣ иброз менамояд, ки асос барои танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд бояд муносибати омехта бошад, зеро дар худ аломати миқдорӣ ва сифатии тааллуқ доштани субъектро ба субъекти соҳибкории хурд ифода намояд. Ба инобат гирифтани таҷрибаи байналмилалӣ ва таҳлили он дар кишварҳои дигарро дар матни автореферат мо мушоҳида накардем, шояд таҳлили ин масъала дар дисссертатсия баррасӣ шуда бошад. Бо дарназардошти ин, хуб мешуд муаллиф, ин масъаларо ба таври иловагӣ дар ҳимояи ошкоро шарҳ диҳанд.

Қобили зикр аст, ки ҳолатҳои зикршуда бахснок буда, мазмун ва муҳтавои тадқиқоти илмиро коста наменамоянд. Бо назардошти

гуфтаҳои боло, аз рӯйи автореферати диссертатсия, дар маҷмӯъ метавон хулоса кард, ки диссертатсияи илмии таҳия кардаи Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмии анҷомёфта ба шумор рафта, ҷавобгӯи тамоми талаботҳо, махсусан бандҳои 10, 11, 12, 14 ва 16-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 ба тасдиқ гардидааст, буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Муқарриз:

Ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҷабзода М.Н.

Суроға:
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735450,
ш. Ғарм, н. Рашт, кӯчаи Э. Муҳиддинов 63,
Тел: (8) 313121103; +992919509193
Веб сайт: www.dotr.tj
E-mail: rajabov.m.1973@mail.ru

«Имзои Раҷабзода М.Н.-ро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон
дар ноҳияи Рашт Зокирзода З.Х.